**Иқтибос аз суратҷаласаи № 10**

маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷикии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 31-уми майи соли 2022

Иштирок доштанд: раиси Шурои олимони факултет номзади илми филология Тиллохоҷаева М.Н. ва 24 нафар аъзои Шӯро, роҳбари илмии унвонҷӯй номзади илми филология Мирзоев С.Х., унвонҷӯй Ризобоева Н.М.

РӮЗНОМА

10. Масъалаи ҷорӣ

10.1. Таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи адабиёти муосири тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ.

ШУНИДА ШУД: декани факултет номзади илми филология Тиллохоҷаева М.Н. баъди тасдиқи рӯзномаи ҷаласа қайд кард, ки диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи адабиёти муосир Ризобоева Н.М. дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) барои ташхиси экспертии давраи дуюм ба Шурои олимони факултет пешниҳод шудааст. Аз рӯйи Низомномаи Шурои диссертатсионии дифои рисолаҳои номзадӣ бояд ду нафар мутахассис - эксперти холис таъин карда шаванд. Номзадии олимони зерин ба вазифаи эксперти холис пешниҳод карда шуд, ки мутахассисони батаҷрибаи соҳаи адабиёт мебошанд: **Мирсаидов Б.Т. -** номзади илми филология, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ; **Шарипова М.З. -** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқ.

Номзадҳои пешниҳодшуда аз ҷониби ҳозирин дастгирӣ ёфтанд.

Натиҷаи райъдиҳии кушод: тарафдор 24 нафар, зид - "нест", бетараф- "нест".

БАРОМАД КАРДАНД: роҳбари илмии унвонҷӯй номзади илми филология, дотсент Мирзоев С.Х. ва доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷик Хоҷаева М.

Роҳбари илмии унвонҷӯй номзади илми филология Мирзоев С. дар баромади худ зикр дошт, ки интихоб гардидани **Мирсаидов Б.Т. -** номзади илми филология, дотсент директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ; **Шарипова М.З. -** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқ ба ҳайси муқарризони холис бамаврид мебошад.

Доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷик Хоҷаева М. иброз намуд, ки муқарризони дар боло номбаршуда дуруст интихоб шудаанд, зеро онҳо дар соҳаи мавриди тадқиқ корбарӣ намуда, худ соҳибунвон гардидаанд. Мо умед дорем, ки онҳо рисолаи номзадии Н. Ризобоеваро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷабҳаҳои масъалаи номбаршударо мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

Бо назардошти ақидаҳои аъзои Шурои олимони факултет ҚАРОР КАРДА ШУД:

1.Баромади декани факултет номзади илми филология Тиллохоҷаева М.Н. роҷеъ ба таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи адабиёти муосири тоҷик дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ ба инобат гирифта шавад.

2.Олимони зерин ба сифати муқарризони давраи дуюми экспертизаи унвонҷӯй Ризобоева Н. дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) тасдиқ карда шаванд.

1) **Мирсаидов Баҳром Тоҳирҷонович -** номзади илми филология, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ.

2) **Шарипова Муътабар Заҳибуллоевна. -** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқ.

**Раиси маҷлис, номзади илми филология, дотсент** **Тиллохоҷаева М.Н.**

**Котиби маҷлис, номзади илми филология, дотсент:** **Қосимова И.Т.**

**"Имзоҳои Тиллохоҷаева М., Қосимова И.-ро тасдиқ менамоям"**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.**
**тел:+(992)1170770700**
**E-mail: ddhkadr@mail.ru**